ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ» -И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИЕ, КИ МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 ТАҲИЯ ШУДААСТ



**МУНДАРИҶА:**


МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОМОДАСОЗӢ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 2

ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ..... 3

ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ МАҶМӮИ ..... 4

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ ..... 5

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ..... 7

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДӢ ..... 8

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 9

## Масъулияти роҳбарият оид ба ҷавобгарӣ барои омодасозӣ ва тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ дар даврае, ки санаи 31-уми декабри соли 2019 ба итмом расидааст.

Тасдиқоти зерин, ки бояд бо дарҷи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи аудиторони мустақили дар саҳифаи 3 пешниҳод шуда, бо мақсади ҷудо намудани ҷавобгариҳои аудиторон ва роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Филиали бонки "Тиҷорат"- и Ҷумҳурии исломии Эрон дар ш. Душанбе *(минбаъд -«бонк»)* якҷоя дида баромада шавад.

Роҳбарияти *Бонк* барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳама ҷиҳатҳои муҳим ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағирот дар сармояи худиро дар даврае, ки 31-уми декабри соли 2019 ба итмом расидааст мутобиқи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд дар матн «СБҲМ») дуруст инъикос мекунад ҷавобгар аст.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти *Бонк* ҷавобгар аст, барои:

- Интихоби принсипҳои зарурии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва минбаъд истифодабарии онҳо;
- Риояи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва ошкор кардани фарқиятҳои муҳим аз СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ; ва
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ бо назардошти он ки *Бонк* фаъолияти худро дарояндаи дур ба ғайр аз ҳолатҳое, чунин ҳисобидан ғайриимкон аст идома медиҳад;

Роҳбарият инчунин барои амал зерин ҷавобгар аст:

- Коркард, амалӣ намудан ва таъмини дар амал ҷорӣ намудани системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилии *Бонк*;
- Доштани системаи баҳисобгирии муҳосибавие, ки дорои имкони дар лаҳзаи дилхоҳ бо амиқии кифоя маълумот оиди ҳолати молиявии *Бонкро* мувофиқи талаботи СБҲМ тайёр карда тавонад;
- Бурдани баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва стандартҳои муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СБҲМ;
- Андешидани чораҳо дар доираи марбути худ барои таъмини нигоҳдории дороиҳои *Бонк*;
- Ошкор ва пешгирии далелҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои даврае, ки 31-уми декабри соли 2019 ба итмом расидааст аз тарафи Раёсати *Бонк* тасдиқ шудааст.

Аз номи ФБ "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар ш.Душанбе:

**Раиси бонк** ____________ ____________ **Сармуҳосиб**

**Муҳаммад Содиқӣ** **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш.Душанбе
РМА 020003114 - РРМ 0220000404

Consultant Audit

**ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

**Ба мудирияти Филиали бонки "Тиҷорат"- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе**

***Хулоса***

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи **Филиали бонки "Тиҷорат"- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе** *(минбаъд- «бонк»)*, ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2019 ва ҳисоботҳои дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромадҳо, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағиротҳои сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом расидаанд ва инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад ба итмом расонидем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаҳои худ вазъи ҳақиқии молиявии "Бонк"-ро ба санаи 31-уми декабри соли 2019, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули соле, ки дар санаи зикргардида анҷом дода шудааст мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос менамояд.

***Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ***

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти *Бонк* вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохилӣ ҷиҳати омодасозӣ ва пешниходи ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суиистифодабариҳои молиявӣ, ҳамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд иборат мебошад. Инчунин интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок мувофиқ ба мавридҳои мавҷуда низ масъулияти роҳбарият аст.

***Масъулияти аудитор***

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этикӣ, инчунин ба нақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд.

Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳое, ки ба гирифтани далелҳои аудити нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарури аз фикру ақидаи касбии аудитор асос мёёбад, ки аз он ҷумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохиларо аз рӯи омодасозӣ ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудитие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохилӣ асос меёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро нисбати ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.Дар доираи санҷиши аудит мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит мо ақидаҳои касбии худро дар давоми санҷиш нигоҳ медорем.

Мо инчунин:

- Хавфи таҳрифи ҳисоботи молиявии вобаста ба қаллобӣ ё ин ки хатогиҳоро муайян менамоем ва баҳодиҳӣ менамоем ва барои таъмин намудани далели кофӣ вобаста ба чунин хавфҳо санҷиши аудиторӣ мегузаронем ва далелҳои кофӣ ба даст меорем;
- Низоми назорати дохилиро на бо мақсади баҳо додан ба самаранокии он, балки бо мақсади таҳияи мушоҳидаҳои аудиторӣ ки барои ҳолатҳои мувофиқ дахл дорад меомӯзем;

- Барои ба мавқеъ истифода бурдани сиёсати ҳисобдорӣ ва асоснок будани маълумотҳои дар эзоҳот дарҷкардаи Роҳбарият баҳо медиҳем;
- Дар асоси истифодаи бамавқеъ ва мунтазами низоми муҳосибии доимӣ проседураҳои аудиторӣ барои муайян намудани номуайянниҳои назаррас вобаста ба ҳодиса ва воқеаҳо, ки метавононд шубҳаҳои ҷиддиро оиди ба фаъолияти Бонк ҳамчун субъекти фаъолияти худро дар оянда идомадиҳанда ба амал меоранд анҷом медиҳем.

Аудит дар асоси усули интихобӣ гузаронида шуд ва мо чунин меҳисобем, ки он асоси кофӣ ва боэътимод барои изҳори ақидаи мо мегардад.

Душанбе, Тоҷикистон

30 апрели соли 2020

________________

**Дустов Сафарбек**

**Директори ҶДММ «Консултант Аудит»**

**Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон- БМТ №0000017 аз 26 феврали соли 2019**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2019 ба итмом расида

| Моддаҳо | Эзоҳ | 2018 с. | 2019 с. |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 2 679 779 | 3 637 152 |
| Хароҷоти фоизӣ | | - | - |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **2 679 779** | **3 637 152** |
| Даромад аз хизматрасонихои комиссионӣ | 5.2 | 140 707 | 658 345 |
| Харчот аз хизматрасонихои комиссионӣ | 5.3 | -290 634 | -52 071 |
| **Даромади холис аз хизматрасонии комиссионӣ** | | **-149 927** | **606 274** |
| Даромад аз хисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 5.4 | 228 166 545 | 143 223 711 |
| Хароҷот аз хисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 5.5 | -226 298 905 | -142 249 225 |
| ФПТИ аз рӯи карзҳо | 5.6 | - | -1 741 877 |
| Даромад аз камшавии ФПТИ аз руи карзҳо | 5.7 | 428 634 | 210 000 |
| **Ҳамагӣ даромадхо ва хароҷотхои дигар** | | **2 296 274** | **-557 392** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 5.8 | -2 620 894 | -2 504 267 |
| **Даромад то пардохти андоз аз даромад** | | **2 205 232** | **1 181 768** |
| Даромад (хароҷот) аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | 5.9 | -4 383 | - |
| **Фоида то андозбандӣ** | | **2 200 849** | **1 181 768** |
| Хароҷот барои андоз аз даромад | | -799 158 | -860 839 |
| **Фоида (зарари) холис** | | **1 401 691** | **320 929** |

**Раиси бонк** ____________ ____________ **Сармуҳосиб**

**Муҳаммад Содиқи** **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

# ҲИСОБОТИ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба 01 январи соли 2020

| | Эзоҳ | 31.12.2018с. | 31.12.2019с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| ***Дороиҳои ҷорӣ*** | | | |
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | **6.1** | 1 907 602 | 3 364 002 |
| Суратҳисобҳои муросиллотӣ дар БМТ | **6.2** | 37 539 974 | 2 723 364 |
| Захираи ҳатмӣ дар БМТ | **6.3** | 235 560 | 704 894 |
| Ҷойгиркунии мӯҳлатноки воситаҳо дар дигар бонкҳои ҶТ | | - | - |
| Суратҳисобҳои мукотибавӣ дар дигар бонкҳо | **6.4** | 291 632 981 | 294 640 809 |
| Қарзҳои додашуда ба мизоҷон | **6.5** | 16 667 306 | 17 461 425 |
| Фоизхо барои гирифтан | **6.6** | 134 783 | 151 475 |
| Дороиҳои ҷории дигар | **6.7** | 576 517 | 14 870 |
| ***Ҳамагӣ дороиҳои ҷорӣ*** | | ***348 694 722*** | ***319 060 839*** |
| ***Дороиҳои дарозмуддат*** | | | |
| Воситаҳои асосӣ | **6.8** | 816 976 | 759 926 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | **6.9** | 189 056 | 170 151 |
| ***Хамаги дороиҳои дарозмуддат*** | | ***1 006 032*** | ***930 077*** |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **349 700 754** | **319 990 915** |
| **Ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | | |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | | |
| Амонатхои мизоҷон | **6.11** | 3 624 965 | 4 344 416 |
| Дигар амонатҳо | **6.12** | 362 859 | 364 525 |
| Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои хориҷӣ - а\х | **6. 13** | 292 605 996 | 261 838 714 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | **6.15** | - | 4 322 |
| Ӯҳдадориҳои ҷории дигар | **6.14** | 272 | 11 348 |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | ***296 594 092*** | ***266 563 325*** |
| ***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | - | - |
| Қарзҳои дарозмуддат | | - | - |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | - | - |
| ***Ҳамагӣ ухдадориҳо*** | | ***296 594 092*** | ***266 563 325*** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | **6.16** | 16 409 725 | 16 409 725 |
| Фоидаи тақсимнашуда | **6.16** | 36 183 508 | 36 504 437 |
| Сармояи изофави | **6.16** | 13 430 | 13 430 |
| Захираи умуми | **6.16** | 500 000 | 500 000 |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | ***53 106 662*** | ***53 427 591*** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | **349 700 755** | **319 990 915** |

**Раиси бонк** **Сармуҳосиб**

**Муҳаммад Содиқӣ** **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

# ХИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

дар соли санаи 31-уми декабри соли 2019 ба итмом расида

| | эзоҳ | 2018с. | 2019с. |
|---|---|---|---|
| ***Ҳаракати нақдина бо амалиётҳои оператсионӣ*** | | | |
| Фоидаи (зарари) соф | | 1 401 691 | 320 929 |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо | | 90 409 | 89 935 |
| Хароҷоти ФПТИ | | - | 1 741 877 |
| Дигар хароҷотҳои ҳисобкардашуда | | - | 855 224 |
| ***Ҳаракати нақдина бо даромадҳои оператсионӣ то тағирёбии дороиҳои амалиёти ва ӯҳдадориҳо*** | | ***1 492 100*** | ***3 007 965*** |
| ***Тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:*** | | | |
| Афзуншавӣ\камшавии захираҳои ҳатмӣ | | -13 498 | -469 334 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси қарзҳои мизоҷон | | -4 756 276 | -2 325 996 |
| Афзуншавӣ\камшавии дороиҳо дар ташкилотҳои басташуда ва дар ҷараёни бархамхурӣ буда - пули миллӣ | | - | - |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дороиҳои дигар | | 11 742 | -14 870 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси амонатҳои мизоҷон | | 332 939 | 719 450 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси амонатҳои дигар | | 22 417 | 1 666 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси барои пардохт ба дигар бонкҳо | | 9 487 013 | -30 767 282 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси ҳисобҳо барои пардохт | | -1 458 | - |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | -265 735 | -280 000 |
| Афзуншавӣ\камшавии фоизҳо барои гирифтан | | -52 | - |
| Фоида аз баркарорсозии дороиҳо | | -428 634 | -210 000 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дигар ӯҳдадориҳо | | - | - |
| ***Ҳаракати холиси тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:*** | | **4 388 458** | **-33 346 366** |
| ***Гардиши холиси нақдина барои амалиётҳои оператсионӣ*** | | **5880558** | **-30338401** |
| Хариди таҷҳизот ва моликият | | -35799,5 | -13 980 |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | - | - |
| Хариди коғазҳои қимматноки инвеститсионӣ | | - | - |
| ***Маблағҳои холис барои амалиётҳои оператсионӣ истифодашуда*** | | **-35 800** | **-13 980** |
| ***Гардиши холиси нақдина барои амалиётҳои молиявӣ*** | | | |
| Ҳиссагузории сармоядорон | | - | - |
| Хариди саҳмияҳо | | - | - |
| Пардохти дивиденд | | - | - |
| ***Гардиши софи нақдина барои амалиётҳои молиявӣ*** | | - | - |
| **Афзуншавии холиси нақдина** | | **5 844 759** | **-30 352 381** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар аввали сол*** | | **325 235 797** | **331 080 556** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар охири сол*** | | **331 080 556** | **300 728 175** |

**Раиси бонк** ______________ ______________ **Сармуҳосиб**

**Муҳаммад Содикӣ** **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2019 ба итмом расида

| | Сармояи саҳомии пардохташуда | Фоидаи тақсимна-шуда | Сармояи изофагӣ | Захираи умумӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бакия дар 01 январи соли 2018** | **16 409 725** | **34 781 842** | **13 430** | **500 000** | **51 704 996** |
| Фоидаи соф (зарар) соли 2018 | - | 1 401 691 | - | - | **1 401 691** |
| Тасхехи фоидаи таксимнашуда | - | -25 | - | - | **-25** |
| Пардохт аз фоида | - | - | - | - | - |
| **Бакия ба 31 уми декабри соли 2018** | **16 409 725** | **36 183 508** | **13 430** | **500 000** | **53 106 662** |
| Фоидаи соф (зарар) соли 2019 | - | 320 929 | - | - | **320 929** |
| Тасхехи фоидаи таксимнашуда | - | - | - | - | - |
| Пардохт аз фоида | - | - | - | - | - |
| Тасхехи фоидаи такисмнашуда | - | - | - | - | - |
| Зиёдшавии захира аз хисоби фоида | - | - | - | - | - |
| Гузаронидан ба сармояи захиравӣ | - | - | - | - | - |
| Ҳақуссаҳм | - | - | - | - | - |
| **Бакия дар 31 уми декабри соли 2019** | **16 409 725** | **36 504 437** | **13 430** | **500 000** | **53 427 591** |

**Раиси бонк** ____________ ____________ **Сармуҳосиб**

**Муҳаммад Содикӣ** **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

# ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОҲИ 1. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

**1.1 Маълумоти умумӣ**

Филиали Бонки "Тиҷорат" и Ҷумҳурии исломии Эрон дар ш. Душанбе *(минбаъд- «бонк»)* сохтори воҳидии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба ҳисоб рафта мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда фаъолияти худро дар асоси Низомнома амалӣ мекунад.

"Бонк" дорои Иҷозатномаи Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 38027-22 барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ бо асъори миллӣ ва инчунин иҷозатнома аз 13 уми майи соли 2003 таҳти рақами 38027-122/1 барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ мебошад.

Мақоми назоратии филиали Бонки "Тиҷорат"-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе Бонки "Тиҷорат"и Ҷумҳурии исломии Эрон дар шаҳри Теҳрон мебошад ва сармояи оинномави 100% ба он таалluқ дорад.

Филиали Бонки "Тиҷорат"-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 88 ҷой гирифта шуъба ва ё нуктаҳои ваколатдори ба қайд гирифташуда надорад.

**1.2 Муҳити иқтисодие, ки "Бонк" дар он фаъолияти иқтисодию молиявии худро амалӣ менамояд**

**Шарҳи мухтасар**

Ҳолати ноустувории молиявию-иқтисодии як қатор давлатҳои ҷаҳон аз ҷумла Федератсияи Россия,коҳиш ёфтани арзиши нефт дар бозорӣ ҷаҳонӣ, таъсири пандемияи коронавирус ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон,пастшавии қурби асъори миллӣ нисбат ба арзи хориҷӣ омилҳое мебошанд,ки ба камшавии ҳаҷми интиқоли воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба ҳолати молиявии мамакат таъсири бузурги манфӣ мерасонанд. Ин омилҳо ба камшавии қисми даромади буҷет ва фаъолнокии сегментҳои алоҳидаи иҷтисодиёти мамлакат боис мегарданд.
Инчунин солҳои зиёд аст, ки "Бонк" зери таъсири маҳдудияти таҳрифҳои иқтисодӣ (санксияҳо) аз ҷониби ИМА қарор дорад,ки ба фаъолияти ҳаррузаи бонк маҳдудиятҳо эҷод менамояд, ки дар натиҷа ба фаъолияти молиявии он таъсири манфӣ мерасонад. Бақияи маблағҳои дар суратҳисоби муросилотӣ дар бонкҳои мавриди мушкили молиявӣ қарор дошта ки ҳолати молиявии онҳо хуб нест дар ҳолати муфлисшавӣ Бонкро низ ба хавфи муфлисшавӣ рӯ ба рӯ мекунад ва ба сектори бонкии кишвар низ таъсир мерасонад.

## ЭЗОҲИ 2. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК

Бонк натиҷаи молиявии соли ҳисоботиро бо фоида ҷамъбаст кардааст. Фоидаи софи (зарари) соли 2019 дар муқоиса бо фоидаи соли 2018 ба маблағи 1 080 762 сомонӣ кам шудааст. Даромади фоизии Бонк дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба маблағи 957373 сомонӣ зиёд шудааст. Хароҷоти пӯшондани ФПТИ дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба маблағи 1741877 сомони зиёд шудааст. Сармояи худии бонк дар соли 2019 ба маблағи 320929 сомонӣ нисбат ба соли 2018 зиёд шуда дороиҳои ҷорӣ ба маблағи 29 633 883сомонӣ нисбати соли 2018 кам шуданд.

## ЭЗОҲИ 3. АСОСҲОИ ОМОДАСОЗИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асос барои омодасозии ҳисоботи молиявии *Бонк* талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб меравандю

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ фарзияи асоси ин усули ҳисобкунӣ ва усули фаъолияти муттасили Бонк ба ҳисоб мераванд.

Усули ҳисобкунӣ тахмин мекунад, ки таъсири амалиётҳо ва дигар ҳодисаҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи содиршавии онҳо эътироф карда мешаванд на ҳангоми воқеиятан гирифтан ва пардохтани воситаҳои пулӣ дар даврҳои муттаносиби ҳисоботӣ.

Усули мунтазам пешбини мекунад, ки *Бонк* нийт ва зарурати барҳамхурӣ ва ё ихтисори муҳими фаъолият дар ояндаи наздик надорад.

**ДАСТУРҲОИ НАВИ БАҲИСОБГИРӢ**

Стандартҳо ва дастурҳои нави бахисобгирӣ, тағиру иловаҳо ба стандартҳои ҷории амалкунанда нашр карда шудаанд, ки то санаи 31 декабри соли 2019 дар амал ҷорӣ карда нашудаанд ва ба максади тайер намудани ҳисоботи молиявии мазкур ба инобат гирифта нашудаанд.

СБҲМ 9 "Фишангхои молиявӣ", ки моҳи июли соли 2014 ба нашр расидааст, СБҲМ 39 "Фишангҳои молиявӣ: эътироф ва баҳодиҳӣ"-ро иваз намуда талаботи масъалаҳои гуруҳбандӣ, баҳодиҳии фишангҳои молиявӣ ва камарзишшавии онҳоро дар бар мегирад.

## ЭЗОҲИ 3.1 ТАРКИБИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Таркиби ҳисоботи молиявии *Бонк* аз ҳисоботи зерини молиявӣ иборат аст:

- ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ;
- ҳисобот оиди даромади умумӣ;
- ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- ҳисобот оиди тағирот дар сармоя;
- эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ.

Давраи ҳисоботии *Бонк* соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад. Моддаҳои муҳими ҳисоботи молиявӣ кушода ва алоҳида оварда шудаанд, моддаҳои номуҳим гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

## ЭЗОҲИ 3.2 АСЪОРИ ҲИСОБОТ

Ба сифати асъори амалкунанда ва асъори пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ *Бонк* асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сомониро истифода мебарад.

## ЭЗОҲИ 4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

## ЭЗОҲИ 4.1 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШИ ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо аз маблағи накд дар хазинаи Бон*к*, ҳисобҳои мукотибавии Бонки миллӣ ва дигар бонкҳо мавҷудбуда ва маблағи дар ҳисобҳои ҷории бонкӣ мавҷуд буда иборат мебошанд.

## ЭЗОҲИ 4.2 ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА БА МИЗОҶОН

Тибқи сиёсати баҳисобгирии Бонк қарзҳо дороиҳои молиявиеро ифода мекунанд, ки дар натиҷаи додани маблағи пулӣ бевосита ба қарзгиранда ба вуҷуд меоянд. Дар баҳисобгирӣ қарзҳо ба сифати дороиҳои молиявӣ ҳангоми додани маблағи пули ба карзгиранда эътироф карда мешаванд ва саравввал онҳо бо арзиши ибтидоӣ (аслӣ) баҳо дода мешаванд. Қарзҳо бо маблағи қарзи асосии пардохтанашуда мутобики шартномаи қарз баҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти ба расмиятдорорӣ ва баҳодихии гарав, инчунин дигар хароҷоти ҳуқуқӣ ҳангоми ба вуқуъ омаданашон ба хароҷот дохил карда мешаванд.

Ба қарзҳои батаъхирафтода қарзҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо гузаштани мӯҳлат ё напардохтани қарз мушоҳида шудааст ва онҳо ҳамчун шубҳаовар ва чоранопазир (бээътимод) банду баст карда шудаанд.
Аз нав банду баст кардан аз ҳисоби қарзҳои стандартӣ ба ҳисоби қарзҳои мӯҳлаташон гузашта дар рузи эътироф намудани батаъхир афтодани мӯҳлати пардохт ба амал баровврда мешавад.

*Бонк* дар ҳар як санаи ҳисоботӣ (хармоҳа) мавҷуд будани аломатҳои гуногуни эҳтимолияти пастшавии арзиши фоизҳои ҳисобишуда ва \ё ки маблағи асосии қарзро баҳо медиҳад. Баҳодиҳии мавҷудияти ягон намуд аломати воқеии пастшавии дороии молиявӣ дар асоси далелҳои дар лаҳзаи омода сохтани хисоботҳои молиявӣ (дар охири ҳар моҳ) сурат мегирад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои объективи вобаста ба пастшавии арзиши карзҳои додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки пас аз эътирофи ибтидоии дороӣ ба вуқуъ омадаанд, *Бонк* барои пӯшонидани зарар фонди пӯшонидани талафоти имконпазир таъсис медиҳад. Ҳисобу китоби фонди пӯшонидани талафоти имконпазир дар асоси таҳлили дороиҳое, ки онҳо зери таҳдиди хавф қарор доранд гузаронида мешавад. Пас аз муайян намудани аломатҳои объективии беқурбшавӣ дар асоси индивидуалӣ ва бо шарти мавҷуд набудани чунин аломат, қарзҳо ба гурӯҳи активҳои молиявӣ, ки хусусияти ба ҳам монанди хавфи қарзӣ доранд барои муайян кардани аломати пастшавии арзиши он дар маҷмӯъ дохил карда мешаванд.

Ҳангоми гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ ва барои таъсис додани фонди пӯшонидани талофии эҳтимолӣ (ФПТИ), *Бонк* мукаррароти сиёсати баҳисобгирии тасдиқшударо татбиқ менамояд.

Аз навҳисобкунии ФПТИ ҳармоҳа дар асоси пардохти ҳақикии маблағи асосӣ ва фоизҳо инчунин ҳисоботи омоданамудаи шуъбаи қарздиҳӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ҳолати номувофиқатии захираҳо *Бонк* ҳисобкуниҳои иловагиро ба захираҳо дар он даврае, ки норасоии захираҳо ошкор карда шуда буд мегузаронад. Захираи умумӣ барои беқурбшавӣ аз рӯи қарзҳои стандартӣ таъсис дода намешавад.

Азҳисоббарории қарзҳои батаъхирафтода мувофиқи сиёсати қарздиҳӣ бо қарори кумитаи қарзӣ гузаронида мешавад. *Бонк* пас аз азҳиссоббарори дар тавозун ҳамаи чораҳоро барои ситодани қарзҳои азҳиссоббаровардашуда меандешад. Қарзҳои азҳисоббаровардашуда дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ на камтар аз се сол пас аз лаҳзаи азҳисоббаровардан инъикос карда мешаванд.
Бонк ташкили ФПТИ-ро дар асоси дастурамали №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо" амалӣ мекунад.

## ЭЗОҲИ 4.3 ДОРОИҲОИ ДИГАР

Ба сифати дороиҳои дигар ҳисобҳо барои қабул, пешпардохти андозҳо, пешпардохтҳо ба кормандон, пешпардохтҳо барои хизматрасониҳо ва ғайраҳо баҳисоб гирифта мешаванд.

## ЭЗОҲИ 4.4 ИҶОРАИ АМАЛИЁТӢ

Иҷорае, ки қисми муҳими хавфҳо, ҳуқуқи соҳибии он ба иҷорадеҳ мемонад иҷораи амалиётӣ эътироф карда мешавад.

## ЭЗОҲИ 4.5 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Воситаҳои асосӣ ба сифати дороӣ аз рӯи хароҷоти воқеӣ барои хариди онҳо сарфшуда эътироф карда мешаванд. Пас аз эътирофи аввала воситаҳои асосӣ пас аз тарҳи истеҳлоки\фарсоиши ҷамъшуда баҳисоб гирифта мешаванд.

Барои ҳисоби истеҳлок аз рӯи ҳамаи воситаҳои асосӣ усули ҳисобкунии истеҳлок мутобиқи моддаи 118 Кодекси андоз истифода бурда мешавад. Бо мақсади тартиб додани ҳисоботи мутобиқ ба талаботҳои СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ», инчунин муқаррароти Сиёсати бахисобгирии *Бонк* истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо усули мустақим ҳисоб карда шудааст.
*Бонк* меъерҳои зеринро барои ҳисобкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ муайян кардааст:

| Гурӯҳи дороиҳо | Меъёри фоиз |
|---|---|
| Таҷҳизоти компютерӣ | 20% |
| Мебели дафтардорӣ, Таҷҳизоти идора | 8%-20% |
| Воситаҳои нақлиётӣ | 15% |
| Бинои бонк | 7% |

## ЭЗОҲИ 4.6 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Дороиҳои ғайримоддӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши аввалаи онҳо баҳисоб гирифта мешаванд. Арзиши аввала дар худ ҳамаи хароҷоти барои хариди онҳоро дар бар мегирад. Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ бо усули мустақим вобаста ба мӯҳлати истифодабарии самарабахш ҳисоб карда мешавад:

| Гурӯҳи дороиҳо | Меъёри фоиз |
|---|---|
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10% |

## ЭЗОҲИ 4.7 ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

Воситаҳои қарзӣ ва амонатҳо сараввал аз рӯи арзиши бадастовардани онҳо бахисоб гирифта мешаванд, ки маблағи воситаҳои гирифташуда бо тарҳи хароҷоти сарфшударо барои иҷрои ин амалиётҳоро дар бар мегирад.

Минбаъд воситаҳои қарзӣ аз рӯи арзиши истеҳлокшуда баҳисоб гирифта мешаванд ва фарқият байни маблағи воситаҳои гирифташуда ва арзиши пардохташуда дар ҳисобот оиди фоида ва зарар дар давраи қарзгирӣ ба сифати хароҷоти фоизӣ инъикос мегардад. Фоизҳо аз рӯи қарзҳои гирифташуда ҳармоҳа аз рӯи арзиши номиналии андозаи фоиз аз бақияи напардохтаи маблағи асосӣ ва ё аз маблағи асосӣ вобаста ба шартхои қарордоди қарзӣ ҳисоб карда мешаванд.
Бонк шаклҳои зерини амонтҳоро аз амонатгузорандагон ҷалб мекунад:

⇒ Амонатҳои то дархости бо асъори миллӣ ва хориҷӣ
⇒ Амонатҳои ғайрирезидентҳо бо асъори миллӣ ва хориҷӣ
⇒ Амонатҳои пасандози бо асъори милли ва хориҷӣ

Фоизҳои ҳисобкардашудаи амонатҳо дар ҳисобот оиди даромадҳои умумӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар тавозуни *Бонк* вобаста ба пайдо шуданашон - ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯи музди меҳнат, маблағҳои ҳисобшудаи ӯҳдадориҳои андозҳо, ӯҳдадориҳои ҳисобшуда аз рӯи пардохти хароҷоти асосӣ ва ғ.

## ЭЗОҲИ 4.8 ЭЪТИРОФИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ

*Бонк* дар рафти фаъолияти амалиётии худ даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобкунӣ эътироф мекунад. Усули ҳисобкунӣ пешбинӣ менамояд, ки даромад дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки ба даст оварда шудааст эътироф карда мешавад новобаста аз он, ки воситаҳои пулӣ ба *Бонк* ҳануз ворид шудаанд ё не. Ҳамчунин хароҷот дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки онҳо ҷой доштанд новобаста аз он, ки аз тарафи *Бонк* дар давраи мазкури ҳисоботи пардохта шудаанд ё не инъикос карда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 4.9 АНДОЗБАНДӢ

Хароҷоти андоз аз фоидаи дар ҳисобот оиди даромади умумӣ инъикос шуда дар худ маблағи ҷории андоз аз фоидаро мувофиқи конунгузориҳои андози амалкунанда ва андоз аз фоидаи мавқуфгузошта таҷассум мекунад.

Фоида то андозбандӣ аз фоидаи андозбандишаванда фарқ мекунад, чунки ҳангоми муайян намудани манбаи андоз аз фоида моддаҳои бо мақсади андозбандӣ барои ҳисоби андоз истисношаванда ба эътибор гирифта намешаванд. Ҳангоми ҳисобу китоби андоз аз фоида меъёри 23% истифода бурда мешавад.

Андозбандии мавқуфгузошта аз рӯи андоз аз фоида бо усули дороиҳои тавозунӣ ва ӯҳдадориҳо нисбати ҳамаи фарқиятҳои муваққатӣ байни манбаи андози дороиҳо ва арзиши тавозунии онҳо мувофиқи ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешавад. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳо аз рӯи андозҳои мавқуфгузошташуда бо истифодаи меъёрҳои андозбандие, ки интизор меравад, ки дар он соле, ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо пардохта мешаванд, муайян карда мешаванд, ки ба меъерҳои андозбандие, ки дар давраи мазкур муайян шуда буданд ва ё дар санаи ҳисоботӣ воқеан муайян шуданд, асос меёбанд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии мавқуфгузошташуда ба он дараҷае инъикос мешаванд, ки дар он эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишаванда вуҷуд дорад ки нисбати он фарқиятҳои муваққатӣ истифода бурда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 4.10 АМАЛИЁТ БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

*Бонк* ҳисоботи молиявиро бо асъори миллӣ омода ва пешниҳод менамояд.

Ҳамаи амалиёт бо асъори хориҷӣ дар рузи содир намудани амалиёт бо қурби асъори хориҷӣ, ки Бонки Миллии Тоҷикистон муайян кардааст инъикос карда мешаванд.

